Кумитаи рушди маҳали
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарори
ҷаласаи Ҳайати мушовара

аз “3” январи соли 2020 № 1/1

Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи рушди маҳали
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019
ва вазифаҳо барои соли 2020

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавии худ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ амалишавии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” зикр гардидаанд, дар madди аввал қарор дошта, вобаста ба он аз 15 январи соли 2019, №6 фармоиши Раиси Кумита ба тасвиб расид, ки зимни он нақшаи чорабиниҳои Кумита иборат аз 32 банд таҳия гардида, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии паём ҷиҳати муайян намудани раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мушаххас гардиданд.

Ҷиҳати иҷрои 8 банди Нақша - чорабиниҳои паём (14, 15, 18, 29, 30, 31, 32, 37), Кумита ба сифати иҷрокунандаи 2 ва 3-юм муайян гашта, аз тамоми иҷрокунандагон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумотҳои зарурӣ дастрас ва мавриди таҳлил қарор дода, аз натиҷаи он дар муҳлатҳои муқарраршуда ахборот ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намуданд.

Доир ба иҷрои 24 банди дигаре, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сифати иҷрокунанда муайян гардидаанд, Кумита дар асоси вазифаҳои низомномавии худ ҳамкориву ҳамоҳангсозиро ба роҳ монда, марҳила ба марҳила саривақт ба иҷро расонидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» - ро барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, вобаста ба он нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, бо фармоиши Раиси Кумита аз 21 феврали соли 2019, №19 тасдиқ намуда, ҷиҳати иҷрои бандҳои 1 ва 22 оид ба пешгирӣ кардани таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисоди миллӣ, саноаткунонии кишвар ва зиёд намудани ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва вобаста ба беҳтар намудани идоракунӣ дар минтақаҳо, махсусан дар сатҳи шаҳрак ва деҳот, фарқияти афзояндаи иҷтимоию иқтисодии байни шаҳр ва деҳот, дар мувофиқа бо Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои муайян ба анҷом расонида шуд.

Ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумита дар ноҳияи Варзоб ва шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва шаҳри Кӯлоб, ҷамоатҳо, кумитаҳои маҳалла ва ҷомеаи шаҳрвандии ноҳия ва шаҳр баррасии натиҷаи рафти амалигардонии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020 ва Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019 гузаронида шуданд.

Дар натиҷа сабабҳои иҷро нагардидани лоиҳа – чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб ва шаҳри Кӯлоб аз ҳисоби манбаи маблағгузориашон сармояи хориҷӣ ва дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти шаҳр таҳия ва тасдиқ нагардидани барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамоатҳои деҳоти шаҳр, муайян гардида, пешниҳод намудем, ки ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар амалигардони лоиҳаҳои инвеститсионӣ дуруст ба роҳ монда шуда, татбиқи моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот таъмин карда шавад.

Доир ба ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида Нақша – чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва шаҳри Кӯлоб бо расонидани кӯмаки амалии мутахассисони Кумита таҳия гардида, ҳамкории якҷоя бо мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо роҳ монда шуданд.

Дар ин давра мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Варзоб барои расонидани кӯмаки методӣ оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба Кумита муроҷиат намуда, вобаста ба баррасии мактуби шаҳри Турсунзода аз 23 июли соли 2019, №3172 ҷиҳати расонидани кӯмаки методӣ ва ҳамкорӣ дар таҳияи лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Турсунзода барои солҳои 2020-2024 корманди Кумита сафарбар карда шуд ва аз натиҷа пешниҳодҳо ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Инчунин, Кумита лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020 – 2025 ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020- 2025» - ро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои мушаххас барои пешрафт ва рушди минтақа ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид. Ҳамзамон, Кумита пас ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаҳои болозикр баррасӣ намуда, муайн гардид, ки таклифу пешниҳодҳои ба инобат гирифта шуда, ба онҳо ворид гардиданд.

Бо анҷом додани сафари корӣ мутахассисони Кумита рафти иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2013, №АП-2209 вобаста ба такмили сохтори мақомоти ҳудудии худфаъолияти ҷамъиятӣ ва таҳкими ҳамкории онҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба тариқи таҷрибавӣ ва фаъолияти шуъбаи кор бо маҳаллаҳои дастгоҳи раиси шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Пешниҳод омода гардид, ки риояи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ”, “Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ”, “Дар бораи забони давлатӣ” ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №358 “Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” дуруст ба роҳ монда шавад.

Бо истифода аз сафари корӣ мутахассисони Кумита семинари омӯзишӣ оид ба амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ” ва дар мавзӯи “Ташаккули худидоракунии маҳаллӣ ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоӣ иқтисодии шаҳрак ва деҳот” (банди 48 Нақшаи чорабиниҳои бахшида “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”) бо иштироки намояндагони воҳидҳои сохтории дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ, шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва шаҳри Исфараи вилояти Суғд, раисон ва котибони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, раисони маҳаллаҳо баргузор гардид.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ баррасии натиҷаи таҳлили вазъи иҷрои марҳилавии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», вобаста аз раванди амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумита бо иштироки намояндагони мақомоти марказӣ, мақомоти идоракунии маҳаллӣ (раисони ҷамоатҳо, раисони маҳалла) гузаронида шуданд.

Дар натиҷа, тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон (моддаи 8 “Ваколати маҷлиси вакилони халқ”) дар назорати иҷрои сифати қисми даромади буҷети маҳаллӣ, ҷиҳати мусоидат барои васеъ намудани вазифаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва расонидани

кӯмакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо, иҷрои ваколатҳои раиси ноҳия оид ба таъмини амалигардонии қонунҳои соҳавӣ, ки дар онҳо ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ гардидааст, омода карда шуданд.

Дар раванди беҳтар намудани идоракунии маҳаллӣ натиҷаи омӯзиши гузаронидашуда тавсия дода шуд, ки дар сохтори идоракунии маҳаллии шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон барои татбиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб барои беҳтар намудани идоракунии маҳал имконияти таъсиси мақомоти худидоракунии шаҳрак (ҷамоати шаҳрак), омӯхта баромада шуда ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шавад.

Илова ба ин, бо мақсади таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ ва муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои дастгоҳи ҷамоати шаҳраку деҳот лоиҳаи Низомномаи намунавии дастгоҳи Ҷамоати шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Кумита таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2019, №577 тасдиқ гардид.

Ҳамзамон, аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба категорияи шаҳрак ва мансуб донистани Ҷамоати деҳоти “Мурғоб” маркази маъмурии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон”, “Дар бораи таъсис додани Ҷамоати шаҳрак дар заминаи Ҷамоати деҳоти Ховалинги ноҳияи Ховалинг” ва дар ҳалли масъалаҳои номгузории анъанавӣ дар маҳал барои иваз намудани 30 деҳаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.

Дар асоси маълумоти ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳо вобаста ба фарқияти афзояндаи иҷтимоии иқтисодӣ байни шаҳр ва деҳот таҳлил гузаронида шуда, муайян гардид, ки нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот аз ҳисоби амалигардонии ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардида истода, фарқияти афзояндаи иҷтимоии иқтисодӣ байни шаҳр ва деҳот бартараф гардида истодааст.

Дар мисоли таъмини нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру деҳот “пешрафти устувори иқтисодӣ” - истифодаи захираҳои табиӣ, “рушди сармояи инсонӣ” - бунёди мактабу синфхонаҳои нав, “рушди соҳаи тандурустӣ” - бунёди муассисаҳои тиббӣ, “вусъати шуғли пурмаҳсул” - машғул гардидани аҳолӣ бо ҳунарҳои мардумӣ, “дар фароҳам овардани шароити сазовори зиндагӣ” – баланд гардидани дараҷаи дастрасии аҳолии деҳот бо оби тозаи нӯшокӣ ба назар расиданд.

Вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт аз 24 – 26 июни соли 2019 оид ба "Ҳамаҷониба омӯхтани захираву имкониятҳо ҷиҳати таъмини тараққиёти ноҳияи Сангвор, аз ҷумла соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, бахшҳои хизматрасонӣ ва пешниҳод намудани хулосаҳои дахлдор ба Ҳукумати мамлакат" Кумитаи рушди маҳал ҷаласаи корӣ бо иштироки роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, воҳидҳои сохторӣ, макомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, роҳбарони ташкилоту идораҳо, раисони ҷамоатҳо, директорони муассисаҳои таълимӣ, раисони кумитаҳои маҳалла, вазорату идораҳои дахлдор дар ноҳияи Сангвор баргузор намуд.

Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи лоиҳаи нави Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия, кам кардани бақияпулиҳои андоз ва дар ин замина дарёфт намудани сарчашмаҳои иловагии қисми даромади буҷет, зиёд намудани майдони кишт, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, рушд додани соҳаи замбури асалпарварӣ, таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ, коркарди хатсайрҳо ҷиҳати ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор бо мақомоти марказии дахлдор хулоса пешниҳод гардид.

Барои татбиқи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ, ки дар паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои соли 2019 муайян карда шудаанд, такмили "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот" гузаронида шуда, ба суроғаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои корбарӣ пешниҳод гардид.

Давра ба давра, аз 69 шаҳру ноҳияҳо дар асоси "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот" ҳисоботҳои семоҳа, шашмоҳа, 9 моҳаи соли 2019 ба Кумита ворид гардида, арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо гузаронида шуда, натиҷа бо дастовардҳо ва камбудиҳои ба назар расида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 майи соли 2019, аз 11 сентябри соли 2019, аз 08 ноябри соли 2019) бо мақсади ислоҳи камбудиҳо ба вазорату идораҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар равона гардидааст.

Дар ин раванд, вобаста ба ислоҳи камбудиҳо ва пешниҳодҳо барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо оид ба"пешрафти устувори иқтисодӣ", "рушди соҳибкорӣ", "таъмини истиқлолияти энергетикӣ", "таъмини амнияти озуқаворӣ", "вусъати шуғли пурсмаҳсул", "рушди сармояи инсонӣ", "рушди соҳаи тандурустӣ", "фароҳам овардани шароити сазовори зиндагӣ" ва "таъмини устувори экологӣ" вокуниши вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба Кумитаи рушди маҳал марҳила ба марҳила ворид гардида, натиҷаи ҷамъбастӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Барои иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019 №АП-1176 “Дар бораи Нақша – чорабиниҳо оид ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз 53 банди Нақшаи чорабиниҳо он, дар 39 банд Кумитаи рушди маҳал вазифадор гардидааст, низомномаи Озмуни ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтарин таҳия гардида, бо супориш ва тасдиқи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31.05.2019 с., №24/10-183) барои корбарӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод гардида, бо расонидани кӯмаки амалии гурӯҳи кории Кумита Озмуни ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтарин дар тамоми минтақаҳо барпо карда шуда, дар шаҳри Душанбе кӯчаи беҳтарин низ муайян карда шуда, натиҷаи Озмун ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, №АП-1140 оид ба гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии гулҳо “Сайри гули лола” корҳои ташкилӣ ва ҳуҷҷатгузории муайян намудани ғолибон аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал ба анҷом расонида шуда, дар сатҳи баланд гузаронида шуданд, ки сиёсати пешбарандаи Пешвои миллат оид ба тарбияи ҷомеа дар руҳияи зебоипарастӣ татбиқ гардид.

Вобаста ба таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар бо арзиши умумии 543,7 млн. сомонӣ иборат аз 268 банд таҳия гардида, дар Иҷлосияи маҷлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар тасдиқ карда шуда, иловатан дар давоми соли 2019 бо қарори маҷлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар 69 банди дигар ба Нақшаи чорабиниҳои мазкур ворид карда шуда, шумораи умумии бандҳо 337 бандро бо арзиши умумии 617,6 млн. сомонӣ ташкил додааст.

Бо роҳбарии Раиси Кумитаи рушди маҳал ҳамчун Роҳбари гурӯҳи корӣ барои иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 дар соли 2019 аз 102 адад иншооти нақша гирифташуда, 100 адад ё 100% бо таъсиси 392 ҷойи кори доимӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Кумита рушди маҳал тибқи ваколатҳои низомномавӣ корҳои ҳамоҳангсозиро бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуда, ба расмиятдарории маълумоти омории расмии шумораи бунёди иншоотҳои ҷашнӣ ба роҳ монда шуданд.

Дар доираи иҷрои вазифаҳои низомномавии Кумита “ҳамоҳангсозии тадбирҳо оид ба рушди ва дастгирии соҳибкорӣ дар сатҳи маҳал”:

– ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2019, №95 дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба мушкилотҳову монеъаҳои рушди соҳибкорӣ мувофиқи шаҳру ноҳияҳо (ташкил нагардидани Ассотсиатсияи соҳибкорон, баланд бардоштани касбият ва малакаи соҳибкорӣ оид ба таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ ва ғайра) ба Кумитаи давлати сармоягузорӣ ва

идораи амволи давлатӣ пешниҳод гардиданд;

– ҳамзамон, ҷиҳати иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 “Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” оид ба роҳ мондани ҳамкории байни ҳамкории самаранокии вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, таҳлили дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ, аз ҷумла ҷавонон ва занон гузаронида шуда, дар шаҳру ноҳияҳое, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шудааст, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ ҷиҳати андешидани тадбирҳои иловагӣ, пешниҳод ирсол карда шуд.

Кумита дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба иҷрои супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои худро оид ба масъалаҳои гуногун ба вазорату идораҳо барои корбарӣ ирсол намудааст:

– аз 25 июни соли 2019, №32/10-99 оид ба иҷрои бандҳои Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба рафъи табъизи наҷодӣ;

– аз 4 майи соли 2019, №112227(29-3) оид ба Нақша - чорабиниҳо аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия вобаста ба пешбурди ҳамкориҳои минтақавӣ, тавсеа ва таъмини робитаҳо байни ду давлат дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ;

– аз 5 июли соли 2019, №22/10-225 оид ба пешниҳод намудани маълумотҳо вобаста ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва аз 15 июли соли 2019, №22/10-252 оид ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд”;

– аз 10 июли соли 2019, №26/10 – 173 оид ба Нақша – супориши обуна ба рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Садои мардум”, “Народная газета”, “Халқ овози”, “Адабиёт ва санъат”, “Ваҳдат”, маҷаллаҳои “Бонувони Тоҷикистон”, “Пайванд”, “Садои шарқ” ва “Памир”;

– аз 17 июли соли 2019, №29-10/358 вобаста ба иҷрои банди 7-и протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2019, №6;

– аз 24 июли соли 2019, №24/10 – 285 Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт 24 – 26 июни соли 2019 баён доштанд;

– аз 29 июли соли 2019, №113670(29-7) оид ба натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Беларус (28 – 30 июни соли 2019, Минск);

– аз 1 августи соли 2019, №3152(29-3) оид ба сафари ҳайати намояндагӣ аз мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

– аз 1 августи соли 2019, №113959(29-4) оид ба ташаббуси Россия ба роҳандозии ҳамкориҳо ҷиҳати рушди минтақаҳо ва деҳоти дурдасти давлатҳои узви СҲШ;

– аз 1 августи соли 2019, №113928(29-9) ҷиҳати таъсиси кумитаи муштараки пайгирии ҳамкориҳо байни вилояти Хуросони Разавии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва шаҳри Душанбе, вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– аз 19 августи соли 2019, № 17838(29-8) "Оид ба робитаҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ИМА";

– аз 28 октябри соли 2019, №24/10-16 оид ба пешниҳоди лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2020”;

– аз 14 ноябри соли 2019, №31123 оид ба баррасии лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди маҳал ва Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ;

– ҷиҳати мониторинги Нақша-чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020;

– иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №117 “Оид ба саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020” ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– аз 23 июли соли 2019, №17753 оид ба шомил шудан ба Гурӯҳҳои кории зинаи якум ва дуюм доир ба таҳияи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ба лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Барномаи саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025” ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025” ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– оид ба пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон дар бораи таъсиси Ҷамоати шаҳрак дар заминаи Ҷамоати деҳоти “Ховалинг”, ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон;

– оид ба баргузории мониторинг доир ба ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар шаҳру ноҳияҳои кишвар;

– оид ба дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав ҷиҳати эълон намудани минтақаи сайёҳӣ бо назардошти мавзеъҳои сайёҳию таърихӣ дар деҳаи Хуҷӣ, Ҷамоати деҳоти Чуст ва манзараҳои зебои дараи Қаратоғ;

– оид ба амалигардонии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, №678;

– оид ба мониторинги рафти татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– оид ба рафти иҷрои "Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020";

– оид ба лоиҳаи Қонуни намунавии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил "Дар бораи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ" ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– оид ба мавқеи ҷониби Ӯзбекистон ва Қазоқистонро оид ба лоиҳаи Консепсияи ҳамкориҳои давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай роҷеъ ба рушди минтақаҳо ва деҳоти дурдасти дар қарни технологияи рақамӣ ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ба лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– оид ба иҷрои дастуру супоришҳои протоколии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода аз 3 майи соли 2019, №2к/39-24, аз 19 ноябри соли 2018, №2к/84-24 ва аз 22 августи соли 2018, №2к/62-24, пешниҳодҳо, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– инчунин ба 20 лоиҳаи қонунҳо ва лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои ҳуқуқии Кумита омода гардида, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шуд.

Барои дар сатҳи баланд гузаронидани маъракаи интихоботӣ иштироки намояндагони Кумитаи рушди маҳал оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ҳамкорӣ бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 то 7 декабри соли 2019 доир намудани суҳбату вохӯриҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва аҳолии шаҳру ноҳияҳо, бахусус занон ва ҷавонон оид ба худогоҳию хештаншиносӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолона ширкат варзиданд дар маъракаҳои интихоботӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъмин карда шуданд.

Дар ин давра аз тарафи Кумита дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ аз рӯи барномаҳои вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ 6 нафар мутахассисони Кумита иштирок намуда, донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

Соли ҷорӣ аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии Кумита баргузор гардид, ки дар баробари аъзоёни комиссияи Кумита мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо ва намояндаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дошта, 10 нафар хизматчиёни давлатие, ки ба аттестатсия фаро гирифта шуданд, ба мансаби ишғолнамудааш мувофиқ

дониста шуда, аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ 2 нафар барои дохил кардан ба захираи кадрҳо ва 1 нафар ба мансаби баландтар тавсия дода шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш омӯзиши курси забони англисӣ дар Кумита баъд аз соатҳои корӣ ба роҳ монда шуда, кормандон дар ду гуруҳ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд. Баъди ба итмом расидани курси номбурда кормандон ба санҷиш фаро гирифта шуда, бо "Гувоҳнома" таъмин карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи роҳбарияти Кумита 97 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Ҳамзамон, ба Кумита 11 адад мурочиатҳои хаттӣ ворид шудааст, ки 2 адади он тариқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст. Аз шумораи умумии мурочиатҳои хатттӣ 9 адад мурочиатҳои хаттии шахсони воқеӣ ва 2 адад мурочиати хаттии шахсони ҳуқуқиро дар бар мегирад. Мурочиатҳо асосан оид ба ташкили боғ, дастгирии лоиҳаҳо вобаста ба гузаронидани оби ошомиданӣ ва расонидани кӯмакҳои молиявӣ, оид ба ҳамкорӣ бо Кумитаро дар бар гирифта, ҳамаи онҳо дар асоси муқаррароти Қонун баррасӣ карда шудаанд.

Дар як вақт ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба моҳи Шарифи Рамазон ва дар арафаи Соли нави мелодӣ ҷиҳати дастгирии 60 нафар ятимони кулл, нимятим ва маъюбон то 18-солаи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе кӯмаки молиявӣ ва моддӣ расонида шуданд.

Бо назардошти корҳои анҷомдодашуда ва бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои низомномавӣ ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳайати мушовара ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Маълумот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ба инобат гирифта шавад.

2. Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ вазифадор карда шавад, ки:

– барои иҷрои Нақша – чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба корҳои ободонию созандагӣ бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан ба истифода дода шудани иншоотҳое, ки дар давоми соли 2020 пешбинӣ гардидааст, тадбирҳои зарурӣ андешида, аз натиҷа ҳар семоҳа ба Роҳбарияти Кумита маълумот пешниҳод намоянд;

– корҳои ҳамоҳангсозиро бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.12.2018 с., №АП-1140 оид ба

ҷадвали баргузории фестивал, намоиш, ид ва озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2021, ҷиҳати баргузории озмуни гулҳо: «Сайри гули Лола» дар соли 2020 ба роҳ монда, дар сатҳи баланд гузаронидани озмун тадбирҳои зарурӣ андешанд;

– дар якҷоягӣ бо воҳидҳои сохтории Кумита барои иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои корӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешида, мунтазам аз рафти иҷрои тадбирҳо ба роҳбарияти Кумита маълумот манзур намояд;

– дар нимсолаи якуми соли 2020 оид ба такмил ва таҳкими асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодии идоракунии маҳал, такмили фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ, тақвияти масъулияти онҳо дар назди ҷомеа омӯзиши рафти амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” дар ноҳияи Рашт ба роҳ монда, аз натиҷаи он таклифҳои асоснок пешниҳод намояд;

– ҳамкориҳоро ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба иҷрои банди 34 Нақша чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 ва фармоиши Раиси Кумита аз 14 майи соли 2019, №43 «Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» вобаста ба баргузории Озмуни деҳот ва шаҳраки беҳтарин дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар соли 2020 ба роҳ монда аз натиҷа ба роҳбарияти Кумита мунтазам ахборот пешниҳод намояд;

– дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 13 Нақша чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 «Дар барои солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2019, №383/26 оид ба омодагӣ ба баргузор намудани конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Баланд бардоштани мақоми шаҳрак ва деҳот дар сохтори давлатдории муосир» ва дар сатҳи баланд гузаронидани он тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал вазифадор карда шавад, ки:

– дар ҳамбастагӣ бо воҳидҳои сохтории Кумита ҷиҳати иҷрои саривақтии супоришҳои паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2019 тадбирҳои зарурӣ андешида, аз ҷараёни иҷрои вазифаҳои бандҳои Нақша – чорабиниҳои он, ки ба Кумита дахлдор мебошад, мувофиқи муҳлати муқарраргардида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот омода намоянд;

– дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Кумита ҷиҳати татбиқи муқаррароти «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

давраи то соли 2030» ва амалигардонии Нақша – чорабиниҳои «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020» бо инобати супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019, вазифаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020, тадбирҳои Кумитаро мушаххас намуда, дар асоси натиҷаи амалигардонии онҳо таклифҳоро оид ба баланд намудани самаранокии идоракунии давлатии маҳал ва худидоракунии маҳаллӣ ва лоҳаи нави Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 омода намуда, аз рафти иҷрои корҳо ҳар нимсола ба Роҳбарияти Кумита ахборот пешниҳод намоянд;

– дар якҷоягӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои банди 48 Нақша чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 «Дар барои солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» гузаронидани семинар машваратҳо дар мавзӯи «Ташаккули худидоракунии маҳаллӣ, ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот» чораҳои зарурӣ андешида аз натиҷа ба роҳбарияти Кумита ахборот пешниҳод намоянд;

– омӯзиши рафти амалишавии банди 22 Нақша чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 «Дар барои солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» 2019 – 2021 оид ба таъмини дастрасии истеъмолкунандагон бо қувваи барқ дар деҳот ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ташаккул ва татбиқи сиёсати рушди маҳал дар ноҳияи Шаҳринав ба роҳ монда, барои баррасии он дар ҷаласаи сайёри ҳайати мушовара дар ноҳияи Шаҳринав дар моҳи марти соли 2020 чораҳои иловагӣ андешад;

– дар якҷоягӣ бо воҳидҳои сохтории Кумита ва ҳамкорӣ бо Раёсати кор бо мақомоти идоракунии маҳаллии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили «Шакли намунавии пешниҳоди маълумоти ҷамъбастӣ вобаста ба рушди иҷтимоӣ – иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар давраи 3 моҳа, 6 моҳа, 9 моҳа ва солона» - ро бо инобати супоришҳои бандҳои Нақша – чорабинии паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019, вазифаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ташкил карда, ҷиҳати ирсол намудани лоиҳаи такмилдодашудаи «Шакли намунавии пешниҳоди маълумот» ба суроғаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то 1-уми марти соли 2020 чораҳо андешанд;

– назорати рафти иҷрои супоришҳои Нақша – чорабиниҳо ва протоколи ҷаласаи сайёри Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Муъминобод ва Кӯлоби вилояти Хатлон аз 23 то 25 июли соли 2019, №2к/63-24 ва аз 15 декабри соли 2017 дар ноҳияи

Мастчоҳи вилояти Суғд ба роҳ монда, аз натиҷа тибқи тартиби муқарраргардида маълумот омода намоянд;

– ҷиҳати таъмини сомонаи расмии Кумитаи рушди маҳал бо маълумотҳои зарурӣ ва сифатнок дар якҷоягӣ бо воҳидҳои сохтории Кумита чораҳои иловагӣ андешида, аз раванди фаъолияти сомонаи расмии Кумита, мунтазам ба Роҳбарияти Кумита маълумот пешниҳод намояд.

4. Раёсатҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ, банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал вазифадор карда шаванд, ки рафти бартараф намудани камбудиҳоро дар асоси Нақша чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар (даъват: Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ), ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (даъват: Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ), ноҳияи Варзоб (даъват: Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал), шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон (даъват: Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал) зери назорат қарор дошта, ҷиҳати ҳалли мушкилотҳо ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва идоракунии маҳаллиро ба роҳ монанд.

5. Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат вазифадор карда шавад, ки:

– ҷиҳати таъмини назорати иҷрои саривақтӣ ва босифати Нақшаи чорабиниҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешанд;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохтории Кумитаро дар омодасозии пешниҳодҳои ҳуқуқӣ дар раванди гузаронидани таҳлили маълумотҳои “Шакли намунавии пешниҳоди маълумотҳои ҷамъбастии оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар давраи ҳисоботии 3, 6, 9 – моҳа ва солона таъмин намуда, натиҷаи онро барои такмили асосҳои ҳуқуқи идоракунии маҳаллӣ мавриди истифода қарор дода, ба Роҳбарияти Кумита баъд аз ба итмом расонидани таҳлил пешниҳод омода намояд.

– дар ҳамкорӣ бо Раёсатҳо, шуъбаҳои ва бахши Кумита дар ҳолати пайдо шудани зарурат оид ба мутобиқсозии қонунгузории ҷории соҳаи идоракунии маҳаллӣ бо дигар қонунҳои соҳавӣ, таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи санади меъёрию ҳуқуқии дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

– дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Кумита омӯзиши ваколатҳои мақомоти марказӣ (як вазорат-вазорати кишоварзӣ) ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати мушаххасгардонии ваколатҳои онҳо ташкил намуда, аз натиҷа ба роҳбарияти Кумита мунтазам ахборот пешниҳод намоянд.

6. Шуъбаи умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсус вазифадор карда шавад, ки:

– дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Кумита бартараф намудани натиҷаҳои манфии аттестатсияи кормандони Кумита соли 2019 гузаронидашуда, оид ба донистани «Суруди миллӣ, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» чораҳои зарурӣ пешбинӣ карда шуда, аз натиҷа ба роҳбарияти Кумита мунтазам ахборот пешниҳод намояд;

– барои риояи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» чораҳои иловагӣ андешанд;

– ҷиҳати баланд бардоштани ифтихори миллии кормандон, бахусус занону ҷавонони Кумита, риояи фарҳанги либоспӯшӣ тарғибу ташвиқро ба роҳ монда, барои баланд бардоштани савияи касбии кормандон ва тарбияи ҷавонон, ҳаматарафа омода намудани онҳо дар машғулиятҳои идоравӣ, таъмини кормандон дар чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ, ба масъалаи интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, тарбияи кормандони Кумита дар руҳияи поквиҷдонӣ ва муносибати бо эҳтиромона тадбирҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда мунтазам ба роҳбарияти Кумита ахборот пешниҳод намоянд.

7. Бахши молиявию баҳисобгирӣ дар раванди харид ва таъмири биною иншоот омилу ҳолатҳои коррупсиониро пешгирӣ намуда, ҷиҳати дастрасии маблағҳои зарурӣ барои гузаронидани чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ, сафари хизматии кормандон, ҳисобгирии воситаҳои асосии Кумита, ҷиҳати сарфаи истифодаи қувваи барқ, оби нӯшокӣ, партовкашонӣ, хизматрасониҳои телефонҳои корӣ, интернет ва риояи бехатарии зидди сӯхтор чораҳои саривақтӣ андешад.

8. Воҳидҳои сохтории Кумита барои иҷрои саривақтӣ ва босифати амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Нақшаи кории Кумита дар соли 2020 чораҳои зарурӣ андешанд.

9. Назорати иҷрои қарори мазкурро ба зиммаи худ вогузор менамоям.

Раиси ҷаласаи Ҳайати
мушовара, Раиси Кумита — Қосим Роҳбар